**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои таърих Х.Ғ. Комилова ба диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).**

Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар замони муосир ба яке аз мавзуи муҳим ва баррасишаванда таҳия шуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» таҳқиқ гардида, масъалаҳои омӯзиши таъсиси хадамоти дипломатӣ, ташаккул, рушд ва таҳаввули сиёсати хориҷии кишварҳо, натиҷа ва дурнамои сиёсати хориҷии бисёрсамтаи ҳар ду давлатро дар замони соҳибистиқлолӣ дар бар мегирад. Мавзуи диссертатсия ба ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» таҳқиқоти диссертатсионии бевосита ва мустақим бо забони тоҷикӣ дар шакли таҳлили муқоисавӣ анҷом наёфтааст. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи мавзуи диссертатсия дар шароити тағйирёбии замони муосир мубрам арзёбӣ мегардад. Диссертант дар заминаи таҳқиқоти фарогир масоили ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро дар даврони истиқлол дар шакли муназзам ва боназардошти доираи методологияи таърихият ва муқоисавӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Масъалаҳои мазкур бо истифода аз сарчашмаҳо, адабиёти муосир, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сомонаҳои расмӣ, санадҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ ва таҳқиқоти марбут ба ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо омӯхта шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили моҳият, инкишоф ва махсусияти ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021) иборат мебошад.

**Объекти диссертатсия** таҳқиқи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021) аст.

**Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ** давраҳои асосии истиқрору инкишофи сиёсати хориҷии кишварҳои Тоҷикистону Қазоқистон, таҳаввули он дар даврони истиқлол ва рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамта ба шумор меравад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар баррасӣ ва таҳлили илмии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол ифода меёбад. Бояд қайд намуд, ки ин аввалин таҳқиқоти илмӣ – маҷмуавӣ, таҳлили қиёсӣ анҷомдода оид ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад, ки давраҳои ташаккул, натиҷа ва дурнамои сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо таҳлил гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** бо такя ба таҳлили амиқи адабиёти марбут ба масъала, сарчашмаҳои расмӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи таҳлили илмӣ хулосаҳову тавсияҳои зарурӣ оиди рушд намудани сиёсати хориҷӣ, нақш ва нуфузи кишварҳо дар минтақа ва

чаҳон пешниҳод гардида, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон таҳлилу баррасӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳаммияти он** аз он иборат аст, ки ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, таҳлили мубрамии кор, мақсади таҳқиқ ва амалӣ намудани вазифаҳои диссертатсия бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтаанд. Муҳаққиқ зимни таҳқиқ ба инкишофи сифатии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон таваҷҷуҳ намудааст. Дар баробари ин, унвонҷӯ чанд хулоса ва тавсияи амалӣ пешниҳод ва вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ нашр кардааст. Инчинун, бо истифода аз усулҳои таҳлилии муосир ба арзёбии омӯзиши пурраи масъала расида, саҳми назарраси худро дар рушди илми марбут ба сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа (Тоҷикистон ва Қазоқистон) гузоштааст.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти** диссертатсионии Комилзода Н.И. дар он ифода меёбад, ки метавонад ҳангоми навиштани корҳои таҳқиқотӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи кишварҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон ва Қазоқистон), монографияҳо, маводи таълимӣ, курси лексияҳо доир ба таърихи ва муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хорҷии кишварҳои минтақа истифода шавад, инчунин таҳқиқоти муҳақиқ махсусиятҳои инкишофи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистонро инъикос ва мушкилоти татбиқи сиёсати бисёрсамта ва дурнамои инкишофи онро пешбинӣ мекунад.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он таъкид мешавад, тасвиби натиҷаҳои таҳкик, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ шудааст, ки

ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлолро инъикос менамояд.

Боби якуми диссертатсия **«Истиқлоли давлатӣ: замина ва марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон (солҳои 1991-2000)»** унвон гирифтааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «**Ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ дар давраи солҳои аввали касби истиқлоли давлатӣ, ташаккули хадамоти дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳлил шудааст. Муаллиф пайгирона омилҳои ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии кишварро дар қаринаи мушкилиҳои ҷанги шаҳрвандӣ, бuҳрони иқтисодии молиявӣ ва таъсири муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ намуда, муайян гаштани самтҳои асосии онро инъикос намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум «**Самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX**», самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистонро дар охири асри XX, рушду таҳаввули муваффақонаи сиёсати хориҷӣ ва шаклгирии онро ҳамчун сиёсати хориҷии бисёрсамта мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар боби аввал ба таври возеҳ нақши сарварони сиёсии кишварҳоро дар таҳкими давлатдории миллӣ, ташаккул ва самтгирии сиёсати хориҷӣ новобаста аз мушкилиҳои марҳалаи аввали истиқлоли сиёсӣ нишон додаaст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (солҳои 2001-2015)» номгузорӣ шуда,** аз ду зербоб бо ҳам алоқаманд иборат аст.

Зербоби якуми боби мазкур **«Зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм»** ном гирифтааст. Унвонҷӯ дар ин маврид қайд намудааст, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои дӯстӣ ва эҳтироми байниҳамдигарии манфиати кишварҳо асос ётааст. Бо эълон намудани сиёсати «дарҳои

кушода» кишвари мо барои амалинамоии сиёсати хориҷии бисёрсамта кушишҳои нахустини худро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба роҳ мондааст. Сиёсати бисёрсамта яке аз механизмҳои муваффақшавии кишварҳои тозаистиқлол дар замони муосир ҳисобида мешавад. Инчунин муаллиф ёдовар шудааст, ки дар амал татбиқ намудани сиёсати хориҷии бисёрсамта кишварҳоро ба ташаббускори ҳалли мушкилиҳои байналмилалӣ табдил додааст.

Зербоби дуюми боби дуюми дисертатсия **«Заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он»** ном дорад. Дар ин зербоб оиди ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон ва эълони сиёсати хориҷии бисёрсамта таҳқиқот бурда шудааст. Сиёсати хориҷии Қазоқистон дар оғози солҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ рушд намуда, бо эълон намудани Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар ба пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта эълон намуда буд, аммо бинобар сабаби ноустувории пояҳои хокимияти давлатӣ дар даҳаи аввали солҳои соҳибистиқлолӣ раванди татбиқи амалишавии ин навъи сиёсат ба оғози асри XXI алоқаи зич дорад.

Боби сеюми диссертатсия «**Натиҷа ва дурнамои сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон»** ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми ин боб «Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон»-ро дар бар гирифта, муаллиф ҳангоми таҳқиқ кушиш намудааст, ки марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистонро таҳлили муқоисавӣ намояд. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо, ки се давраро дар бар мегирад, муаллиф ҳар як давраи онро ба таври муфассал таҳлил намуда, натиҷаҳои онро таҳқиқ кардааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм **«Дастовардҳо ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо»** дастовардҳои сиёсати хориҷии кишварҳо дар даврони истиқлол муайян гардида, натиҷаи онҳо баҳогузорӣ

карда шудааст. Дар асоси тахлилҳои боло муаллиф оиди рушди минбаъдаи сиёсати хориҷӣ пешниҳодҳо намуда, инчунин дар шароити тағйирёбии вазъи муосири ҷаҳонӣ барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати хориҷии бисёрсамтаро барои ҳар ду кишвар ба манфиат медонад. Сиёсати бисёрсамтаро наметавон бо ҳамаи кишварҳо амалӣ намуд, чунки барои рӯ овардан ба ин навъи сиёсат кишварҳро лозим аст, умумияти таърихӣ ва ташаккули марҳалаҳои сиёсати хориҷӣ ва дастовардҳои онҳо бо ҳам мувофиқ бошанд.

**Дар хулосаи** диссертатсия муаллиф натиҷаҳои таҳқиқро ҷамъбаст намуда, тибқи хулосаҳои муайянгардида ва пешниҳоди муаллиф барои минбаъд таҳқиқ намудани таҳаввули сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа пешниҳод гардидаанд. Баробари хулосабардорӣ муаллиф дар самти мавзуи таҳқиқотӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод намудааст, ки барои рушди муносибатҳои байнидавлатӣ дар ояндаи барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мусоидат менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯ дар самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ бори нахуст оид ба мавзуи мазкур дар шакли пурра таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати дарки масъала ва таҳқиқи минбаъдаи он аҳаммияти хосса доранд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Хулоса, сохтор, ҳаҷм ва мазмуни асосии диссертатсияи Комилзода Н.И. дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» ба талаботи муайяншудаи диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ буда, мухтавои умумии диссертатсияро дар бар мегирад. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо интишор намудааст. Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо далелҳои зарурӣ ва хулосаҳои мушаххас дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Омӯзиш ва таҳлили санадхои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба пуррагӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Хуб мешуд, ки нақши санадҳои ба имзо расида, нисбати ҳар як соҳа дар алоҳидагӣ таҳлил мегардид.

2. Мусаллам аст, ки яке аз ҷанбаҳои дипломатияи бисёрҷониба ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ мебошад. Таҳлили ҳамкориҳои кишварҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ ба болоравии аҳаммияти таҳқиқот мусоидат менамуд.

3. Дар мундариҷа ҳангоми ифодаи номи боби сеюм таъкиди марҳалаи таҳқиқот (2016-2021) ба назар намерасад.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ ба мазмун ва мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Комилзода Н. И. дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

доктори илмҳои таърих,
сардори шуъбаи илм, инноватсия,
муносибатҳои байналмилалӣ ва табъу
нашри филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе, Комилова Х.Ғ.

«**Тасдиқ мекунам**»:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Пирназар С.М.

10.03.2025

Суроға: Душанбе 734003, кӯчаи Бохтар, 35/1, Email: info@msu.tj
Телефон: +992 98 562 23 23